**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-099-и назди**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

аз 25.02.2026 ш. Душанбе

Суханронии Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ), тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; суханронии муқарризони расмӣ – Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодирович – доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; – Муҳаммадизода Қарор Муҳаммадӣ – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ: Худойдодов Аъзам Овлододович, Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир, Қурбонзода Рухшона Қурбон ва Салихов Шамсидин Аслидиновичро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Саидзода Саида Саид

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводди илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Саидзода Саида Саид дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Саидзода Саида Саид аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 11 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Салихов Шамсидин Аслидинович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич

Ҷ.М.